# ИДГАРДАК: АНЪАНАИ АҶДОДӢ Ё ОЙИНИ МАҶБУРӢ

Идҳои мусулмонӣ- Иди Рамазон ва Иди Қурбон дар худ вижагиҳои хосро касб менамоянд. Дар арафаи идҳои мусулмонӣ мардум бештар ба тоату ибодат машғул шуда, гузаштагонро ёдоварӣ мекунанд, ба аёдати калонсолон меравӣнд ва дар доираи имконияту дороиашон ба қишрҳои ниёзманд дасти кӯмак дароз мекунанд.

Ҷашнгирии идҳои мусулмонӣ дар ҳар минтақаи кишвар ҳаргуна аст, аммо асоси онро амалҳои хайру савоб ташкил медиҳад.

Рӯзи аввали ид дар аксари шаҳру ноҳияҳои мамлакат кӯдакон аз субҳи содиқ бо чеҳраи хандону табъи идона сокинони маҳалро аз фарорасии ид мужда медиҳанд. Хеле хушоянд аст, ки аз субҳи барвақт симои болидаи тифлаконро дида, фазои идонаро дарк менамоӣ.

Ҳамаи идҳо хоси кӯдакон аст, аммо идгардакии онҳо дар идҳои Рамазон ва Қурбон паҳлӯи дигари масъаларо инъикос месозад.

Қаблан дар маҳалҳо дар оғози фасли баҳор бо нумӯъ намудани гули Лола ва Бойчечак кӯдакон ба маросими гулгардонӣ мебаромаданд.

Пиру барнои деҳот Бойчечак ва гули Лоларо бо мурод ба дидаҳояш молида, аз расидан ба баҳори нав шукургузорӣ менамуданд ва ба кӯдакон кулчаи ширмол, қанди печак, тухми рангкардашуда, қурут, чормағз, зардолуву тути қоқ ғ…(маҳсулоти биологӣ)-ро ҳамчун савғо тақдим мекарданд. Пас анҷоми маросими мужадарасонӣ кӯдакон савғои ҷамъкарадашонро ба рӯйи як дастурхон гузошта, гирди он сарҷамъона нишаста тановул мекарданд. Ин амали кӯдакон ҷамбаҳои ахлоқиву тарбиявӣ дошт. Бо гулгардонидан кӯдакон аз вазъи зиндагии калонсолони маҳал бохабар гардида, нисбати онҳо ҳисси меҳрубонӣ, дилсӯзӣ ва дасти кӯмак дароз кардан ба қишри нотавонӣ ҷомеа омӯзонида мешуд. Ҳамзамон дӯстиву рафоқати байни кӯдакони маҳал мустаҳкам гардида, дар байни онҳо хислатҳои муросокориву таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми якдигар густариш меёфт. Онҳо дар худ эҳсоси қаноатмандӣ ва болидарӯҳиро дарк мекарданд.

Ин анъана бо гузашти вақт дар ҷашнгирии идҳои Рамазон ва Қурбон, низ дар байни кӯдакон маъмул гашт.

Тафовути идгардак аз маросими гулгардонӣ дар он аст, ки дар ҳар кӯдак новобаста ба акаву додар ва ё апаву хоҳар буданаш ҷузвдончаҳои алоҳида пешбинӣ шудааст ва ҳамин фардият мароми мақсади кӯдаконро бештар ба ҷамъоварии савғотӣ водор месозад. Дар рафтори онҳо муборакбодии ид не, балки талаби савғо бештар мушоҳида мегардад. Яъне ин амали кӯдакон ва хонандагон аз меъёрҳои ахлоқӣ берун баромада, муносибати дағалонаро касб мекунад. Аммо Идҳои Фитр ва Қурбон яке аз муҳимтарин идҳои динӣ барои

мусалмонон аст. Онҳо бевосита бо идеяҳои такмили ахлоқи маънавӣ алоқаманд буда, бояд амалҳои некро ифода созад.

Мушоҳида гардид, ки дар рӯзи идҳои Рамазон ва Иди Қурбон кӯдакони зиёд дар кӯчаҳои шаҳр бе назорат гашту гузор менамоянд.

Ҳамасола зимни таҷлили идҳо ва сайругашти кӯдакон воқеаву ҳодисаҳои нохуш мушоҳида мегардад. Аз қабили, ғайб задани кӯдакони хурдсол, ҳамла кардани сагҳои маҳала, ба садама дучор шудани кӯдакон, сарзадани ҷангу хархаша дар байни кӯдакон ва бардоштани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ ба қайд гирифта мешавад.

Инчунин аз ҷониби соҳибхоназанҳо дағалгуфторӣ ба монандӣ «Чанд бор меой?», «Шумо гадобачаҳо соҳиб доред?» ва ба монандӣ ҳамин метавонанд ба руҳияи кӯдакони хурдсол таъсири манфӣ расонад. Дар баъзе ҳолат туҳмат кардани кӯдакони хурдсол ба амалҳои дуздӣ аз ҷониби сокинон мушоҳида мегардад.

Истеъмоли сақичҳои ранга ва қандакҳои синтетикӣ боиси бемориҳои рӯдаву меъда гаштани кӯдакон шудааст.

Ин одатҳои зарароварро бо усулу методҳои маъмул марҳала ба марҳала аввал дар дохили як оила ва сипас дар маҳалҳо метавонем пешгирӣ намоем.






Дар ҷузвдончаҳои яккарата акси фарзандон ва ному насаби онҳоро номгузорӣ кардан пайомадҳои ногуворро ба бор хоҳад овард. Пайваста таъкид ба амал меоварем, ки аз хурдсолӣ ба кӯдакон зиракии сиёсиёро омӯзем. Дар машғулиятҳои «Хештаншиносӣ ва халқомӯзӣ»-и муассисаҳои томактабӣ ба кӯдакон оид ба оилаи ман ва наздикони ман маълумот оварда, таъкид месозем, ки бо шахсони бегона ҳамсуҳбат нашаванд, аз даъвати одамони ношинос худдорӣ намоянд. Дар сурате, ки халтачаҳои идгардакӣ бо ному насаби кӯдак аккосӣ шудааст, ғайб задани кӯдак бо роҳи фиреб бештар имкон дорад.

Дар баъзе хонаводаҳо дар ин рӯзҳо дар куҷо будани кӯдаконро намедонанд, аз субҳи содиқ то нисфи рӯзи кӯдаки хурдсол сарсону саргардон дар ба дари мардум мегарданд, ки ин боиси нигаронии аҳли ҷомеа мебошад.

Бо мақсади пешгирӣ кардан аз омилҳои манфии мавҷуда бо истифода аз роҳҳои муфиду самарабахши тарбия метавонем пеши роҳи ин амалҳои номатлуб ва нуқсиҳои рафторро гирифта бошем.

Дар арафаи идҳои Рамазон ва Қурбон ба покизагии руҳу ботин, эҳтироми калонсолон ва аёдати хешу табор ва оид ба моҳияти идҳои милливу диннӣ ба кӯдакон маълумот дода, усулҳои ҷашнгирӣ ва сарфарозгардонии онҳоро такмил диҳем. Ба ҷойи сақичҳои резинӣ ва қандакҳои синтетикӣ китобчаҳои ранга ва бозичаҳои инкишофёбанда тақдим намуда, вақти бештари худро ба тарбияи онҳо бахшем. Амалҳои номатлуби туҳфаситонӣ ва кӯчагардиро маҳкум намуда, онҳоро дар руҳияи зебоипарастӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ ба камол расонем.










Боиси хушнудист, ки кӯдакон идҳои миллии Меҳргон, Сада, Наврӯз ва Тиргонро таҳти назорати волидайн ва зери роҳбарии мураббияву омӯзгорон ҷашн гирифта, оид ба фарҳангу тамаддуни миллӣ, арзишҳои таърихӣ ошноӣ пайдо мекунанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар баромадашон кӯдаконро ганҷи бебаҳо дониста, барои таълиму тарбияи онҳо таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, зикр кардаанд: «Воқеан, кӯдакон ояндаи осудаву ободи ҳар як миллат, сарвати бебаҳои ҳар як оила, ҷомеа ва давлат ба шумор мераванд ва онҳо бахту саодати рӯзгори ҳар як падару модар мебошанд. Зеро ба дунё омадани тифл дар оила хушбахтиву иқболи нек меорад ва чун зангӯлаи идомаи ҳаёт садо медиҳад». Пас барои нигоҳ доштани сарвати бебаҳо талош намуда, пеши роҳи анъанаҳои ба таври сунъӣ ҷорӣ шударо бигирем.

Фарзадонро бо одобу ахлоқи ҳамида тарбия намуда, онҳоро барои соҳибмақом шуданашон аз илмҳои замона баҳравар созем то онҳо илму ҳунар ва забонҳои гуногунро омӯзанд. Аз худнамоиву зиёдаравии бисёр худдорӣ карда, қудрату тавоноии хешро ба таълиму тарбияи фарзанд сарф намоем.

Мо омӯзгорон ҳуқуқи аз хурсандиву шодмонӣ маҳрум кардани кӯдаконро надорем, аммо ба падару модарон тавсия медиҳем, ки барои пешгирӣ кардан аз пайомадҳои ғайриахлоқӣ дар кӯдакон ва зарарҳои ҷисмонӣ тадбирҷӯйи намоянд.

Пешниҳод менамоем, ки нисбати ҳаёти кӯдакон бетараф набошем. Бояд донем, ки кӯдакон ояндаи дурахшони миллат мебошанд ва ғамхорӣ нисбати онҳо вазифаи ҳар як шахс, ҷомеа ва давлат аст. Бо ин пешниҳод кӯдаконро аз ҷашнгирии идҳои милливу динӣ маҳрум сохтанӣ нестем. Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакону наврасон, таъмини некӯаҳволӣ ва инкишофи ҳамаҷонибаи онҳоро яке аз афзалиятҳои муҳими сиёсати давлатӣ арзёбӣ намудааст. Бинобар ин падару модар метавонанд дар идҳои диннӣ кӯдаконро таҳти назорати худ қарор дода, онҳоро барои аёдати аҳли оила ва хешу ақрабо ҳамроҳӣ намоянд.

Барои кӯдакон новобаста ба таҷлили ягон ид балки ба амалу кирдори нек, дастовардҳои илмиашон бо туҳфаҳои гуногун, сарулибоси шинам ҳавасманд намоем. Дар тафаккури кӯдакон соҳиби либоси нав ва бозичаи нав шудан танҳо дар арафаи идҳо нақш бастааст. Мо калонсолон метавонем ингуна тафаккурро иваз намуда, онҳоро на дар руҳияи талбандагиву ниёзмандӣ, балки ба дарки арзишҳои миллӣ ва фарҳангу ахлоқи ҳамида ба камол расонем.

Мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон – Маҳина Бобоева

